*Саид Ҳалими ШОҲОНӢ – муҳаққиқ.*

# ХАНҶАРТАҚСИМ

## Тоҷиконро кӣ зи ҳам ҷудо намуд?

129 сол пеш яъне соли 1895 Русияи подшоҳӣ ва Англия дар замони ғасбкориҳои худ Хуросони Бузургро ду тақсим карданд. Ва ханҷари ғасби хешро болои Сутунмӯҳраи Хуросон (Панҷу Ому) гузоштанду тамаддуни тоҷикиро, ки реша дар тамаддуни ориё дошту дорад, ду тақсим карданд. Он замон ин тараф Мовароуннаҳру он тарафашро Хуросон мегуфтанд. Махсусан, ба тамаддуни ориёӣ ва баъдан ба тамаддуни тоҷикӣ, ки шохаи ифтихории тамаддуни ориёист, назар кунем, мебинем, ки бунёди ин тамаддунро дар баъзе аз китобҳо бо такя аз назари тамаддуншиноси сатҳи байналмилалӣ Арнол Тойинби канори ҳамин дарёҳо медонанд. Ва ағлаби тамаддунҳои ҷаҳонӣ аз канори дарёҳо бархостаанд. Дар он солҳо дар харитаи сиёсии минтақа Аморати Бухоро, Афғонистон ва Эрон арзи вуҷуд доштанд. Лекин тамаддуни ҳоким дар ин се давлат тамаддуни тоҷикӣ-ориёӣ буд. Аммо мутаассифона, ин расмиёти тақсимот дар сатҳи байналмилалӣ торафт шиддат мегирифту ба мардуми минтақа мушкили тақдирсоз эҷод мекард.

Ҷанги якуми рус гузашт, ҷанги якуми ҷаҳонӣ гузашт ва инқилоби Октябр ҳам ғалаба карду Аморати Бухоро низ шикаст хӯрд ва тақсимоти миллию марзӣ бошад не, балки тақсимоти марзию миллӣ оғоз ёфт, ки онро академик Масов “табартақсим” номидааст. Дар ҳардуи ин тақсимоти ноодилона тоҷикон, ки мардуми аслии ин сарзамин буданд, зарари бештар диданд…

Чуноне академик Бобоҷон Ғафуров мегӯяд, ин масъала бисёр печдарпеч асту мураккаб ва ҳам таърихию сиёсатшиносист. Бигзор ихтисосмандони гиромии ин соҳаҳо бигӯянд.

Ман шукр мекунам, ки тоҷик дар Мовароуннаҳр баъди ин қадар истисмори ғосибони манфур соҳиби давлат аст! Ва Тоҷикистони ободу озод ягона давлатест, ки имрӯз дар миёни давлатҳои ориёӣ ба ормонҳои ориёӣ посухгӯ аст. Дар мисоли Шоҳон Ҳатто баъд аз ханҷартақсим (1895) марз то табартақсим кушода буду забону хати расмӣ як. Асоси тамаддун забону хат аст. Аммо баъд аз табартақсим хати ниёгон ба пуррагӣ аз ин тарафи Панҷу Ому нест карда шуд. Мавқеи забон маҳдуд ва шаҳрҳою марказҳои фарҳангию тиҷорӣ аз даст рафт…

Ҳамин минтақаи кӯҳистон барои ман минтақаи гулистон аст! 100 соли пеш баробари расидани сарбозони рус ба Шоҳон як қисми мардум ба он сӯи дарё ҳиҷрат карданд. Як чизро бояд бигӯям, ки мардуми Шоҳон ҳам муқовимат карданд. Корномаҳои баъзе аз фидоиён ҳанӯз ҳам вирди забони бошандагони ин мардум аст. Хулоса, кор ҳамин тавр шуда, ки писар ин тарафи дарёву падар он тараф, модар он тарафу духтар ин тараф… Марз пурра баста… Осмон торик, хона холӣ, рӯҳия шикаста… Бобокалони ман ҳам бо “гуноҳи доштани хатту савод” ба он сӯ рафта будаст. Як қисми авлод низ… Мисле тоҷикро дар ду тарафи дарё зиндонӣ карданд… Ва аз паси панҷараи обӣ ба ҳам менигаристанду армон мешикастанд…

Дарёро марз интихоб намудан дар ҳоле, ки ҳарду тарафаш як миллат, як забон, як фарҳангу тамаддун аст, агар ҷинояти башарӣ, хиёнати таърихӣ нест, пас чист?!

Шукр, ки ба Истиқлол расидему ҳал кардани ин масъалаҳо корест нашуданӣ… Ва ё номаълум аст, ки дар дарозмуддат чӣ мешавад. Худо доност. Аммо боз ҳам шукр, ки дар замони истиқлол миёни Тоҷикистону Афғонистон болои рӯдхонаи Панҷ панҷ пул бунёд шуд. Ва рафту омад миёни мардуми ҳарду кишвар ба роҳ монда шуд. Махсусан, барои сокинони наздимарзӣ, ки замоне сахт ҷафо дида буданду бо ҳам хеш буданд. Бале, онҳое, ки дар ҷанг бар зидди ғосиб шикаст хӯрда буданд, ба он сӯи дарё гузашта буданд. Онҳоеро, ки хатту савод доштанд, мулло гуфта, ба он сӯ ронданд ва онҳоеро, ки зиндагии хуб доштанд, бой гуфта, ба он сӯ…

Пул (кӯпрук), ки кушода шуду наздаш бозор бунёд шуд, ҳар рӯзи шанбе дар доираи танзимоти муқарраршуда мардуми ҳарду тараф ба бозор меоянд. Аз мушоҳидаҳои худам, мардум на танҳо бозор меоянд, балки ба дидори ҳамдигар, ба дидори хешу табор, ки 100 сол пеш ҷудо шуда буданд, меоянд. Яке хеши худро меёбаду дигаре… Ман наёфтам. Ин дафъа насиб. Хулоса, ман ҳамчун як фарди Шоҳон ва шоҳонӣ аз бунёди ин пулу бозор хурсандам. Бояд гуфт, ки дар ин амали хайри таърихӣ, пеш аз ҳама, саҳми муҳтарам Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Санги асоси ин пулу бозорро шахсан худашон рафта гузошта буданд. Хуросону Мовароуннаҳр дар замони Сомониён пурра дар итоати давлати Сомониён буд. Забону хатту фарҳангу тамаддун тоҷикӣ буд. Чун ин ҷо сарзамини тоҷикон аст.

https://www.facebook.com/share/p/4X73ycNF2kauiafv/?mibextid=oFDknk